## Чӣ тавр бояд ариза дод:

**GEFF** тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ маблағгузориро амалӣ менамояд.
Барои пешниҳоди аризаи қарзӣ ба филиали наздиктарини шарики молиявии мо муроҷиат намоед:

Ҳумо


office@humo.tj

www.humo.tj

+992 (44) 640-55-44; 544 (Маркази тамос)


## Тамос бо GEFF:


Суроға :
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1, Маркази тиҷоратии "Вефа Центр", утоқи 802

tajikistan@ebrdgeff.com

www.ebrdgeff.com/tajikistan

+992 93 433 90 01



Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP — Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Project

Дар ҳамкорӣ бо:

Green Climate Fund




GEFF Green Economy Financing Facility

European Bank for Reconstruction and Development

## Дастгирии молиявии технологияҳои сабз

# Сардхонаҳо

**GEFF Тоҷикистон** барои пешрафти рушди устувор ба бахши хусусӣ маблағҳои грантӣ ва кӯмаки техникӣ пешниҳод мекунад. Деҳқонон ва соҳибкорон дар тамоми занҷираҳои арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ метавонанд технологияҳои пурсамарро барои рушди рақобатпазирӣ ва идоракунии беҳтари захираҳои табиӣ ҷорӣ намоянд. Маблағҳои грантӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо пешниҳод шуда, пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, дастрас мегарданд.


Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мешавад

ECTAP — Enhanced Competitiveness of Tajik Agribusiness Project

## Афзалиятҳо барои деҳқонон:

- Имконияти нигоҳ доштани маҳсулот то мавсими муносиби фурӯши он
- Имконияти ба иҷора додани сардхона дар сурати набудани маҳсулоти худ
- Раванди зуд ва осони сохтмон аз ҳисоби дастрас будани панелҳои сендвичӣ
- Ҳарорати мӯътадили бардавоми сардхона дар ҳолати набудани нерӯи барқ аз ҳисоби изолятсияи хуб

## Таҷрибаи муваффақ:

Зани соҳибкори деҳотӣ барои бунёди сардхонаи каммасрафи замонавӣ маблағгузорӣ менамояд.





Бо маблағи **31,000 долари ИМА**, соҳибкори маҳаллӣ Боқиева метавонад **75 тонна** меваҳоро дар сардхона нигоҳдорӣ намуда, ба ин васила даромади худро **3 маротиба** зиёд намояд.
Мӯҳлати пӯшонидани хароҷот: **3 сол** | Сарфаи солонаи нерӯи барқ: **451,000 кВт·соат.**

## Мизоҷони мувофиқ:

Мизоҷони эҳтимолӣ ширкатҳои бахши хусусӣ ва деҳқонон мебошанд:

- Корхонаҳои хурд ва миёна* дар қатори тамоми занҷираҳои арзиши иловашудаи соҳаи кишоварзӣ ва агробизнес
- Маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми **30%** пас аз татбиқи бомуваффақияти лоиҳа ва санҷиши он, пешниҳод мегарданд

*Корхонаҳои хурд ва миёна мувофиқи меъёрҳои ИА: OJ L 124, аз 20 Майи соли 2003, саҳ. 36 муайян карда мешаванд

## Меъёрҳои техникӣ

**Маблағҳои грантӣ** пас аз бомуваффақият татбиқ ёфтани лоиҳа ва санҷиши он аз ҷониби мушовири мустақил, дастрас мегарданд.



**Сардхонаҳои қобили қабул:**
-ғафсии изолятсия на камтар аз 100 мм
-коэффисиенти иқтидори чиллер > 1.79.

**Барои пардохти маблағҳои грантӣ ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод карда шаванд:**
-шартнома
-ҳисобномаи пардохтшуда
-расидхат
ё дигар ҳуҷҷатҳо бо дархости мушовири мустақил оид ба санҷиш.

Мутахассиси лоиҳаи **GEFF** рӯйхати истеҳсолкунандагон, таҳвилкунандагон ва насбкунандагони тавсияшударо корбарӣ намуда, метавонад ба Шумо маълумот барои тамос пешниҳод намояд. Инчунин дар интихоби технологияҳои мувофиқ ва таҳвилкунандагони боэътимод кӯмак расонад.